УДК: 336.1(575.3)

САМТҲОИ ТАКМИЛ ВА УСТУВОРГАРДОНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шарифзода Бахром Маҳмуд
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими калони илмии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе
Ҳикматов Муҳаммадназар Назруллоевич
Докторнати PhD – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14

Дар мақола самтҳои асосии такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити тағйирёбии муҳити иқтисодӣ ва молиявӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Нақши сиёсати самараноки буҷетӣ ва андозӣ, баланд бардоштани сифати идоракунии маблағҳои давлатӣ, такмили банақшагирии буҷетӣ, густариши идоракунии молияи давлатӣ дар асоси натиҷаҳо ва истифодаи технологияҳои рақамӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин, масъалаҳои таъмини устувории буҷет, таҳкими интизоми молиявӣ, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ, рушди шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, такмили назорати давлатии молиявӣ ва коҳиш додани хавфҳои молиявӣ таҳлил гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод карда мешавад, ки такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои муосири идоракунӣ ва истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ барои таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои давлатӣ аҳаммияти муҳим доранд.

Калидвожаҳо: молияи давлатӣ, устуворӣ молиявӣ, сиёсати буҷетӣ, сиёсати андоз, идоракунии молияи давлатӣ, самаранокии хароҷоти давлатӣ, буҷети давлатӣ, шаффофият, назорати давлатии молиявӣ, рақамикунонӣ, рушди устувор, захираҳои молиявӣ.

МЕТОДЫ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ И УКРЕПЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ФИНАНСОВ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Шарифзода Бахром Махмуд
доктор экономических наук, доцент, главный научный сотрудник Института экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана. Адрес: Республика Таджикистан, Душанбе
Хикматов Мухаммадназар Назруллоевич
Доктор PhD – Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Нахимова 64/14

В статье рассматриваются основные направления совершенствования и укрепления государственных финансов Республики Таджикистан в условиях современных экономических преобразований. Особое внимание уделено вопросам повышения эффективности бюджетной и налоговой политики, совершенствования управления государственными финансовыми ресурсами, развития бюджетного планирования и внедрения современных цифровых технологий в систему управления государственными финансами. Анализируются проблемы обеспечения бюджетной устойчивости, укрепления финансовой дисциплины, повышения эффективности государственных расходов, развития прозрачности и подотчётности, совершенствования государственного финансового контроля и снижения финансовых рисков. По результатам исследования сделан вывод, что совершенствование системы управления государственными финансами, внедрение современных механизмов финансового менеджмента и цифровых технологий являются важнейшими условиями обеспечения устойчивого социально-экономического развития Республики Таджикистан.

Ключевые слова: государственные финансы, финансовая устойчивость, бюджетная политика, налоговая политика, управление государственными финансами, государственный бюджет, государственные расходы, прозрачность, государственный финансовый контроль, цифровизация, устойчивое развитие, финансовые ресурсы.

DIRECTIONS FOR IMPROVING AND STRENGTHENING PUBLIC FINANCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Sharifzoda Bahrom Mahmud
Doctor of Economic Sciences, Associate Professor, Chief Researcher at the Institute of Economics and Demography, National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe
Hikmatov Muhammadnazar Nazrulloevich
PhD Doctor – Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067Republic of Tajikistan, Dushanbe, 64/14 Nakhimov Street,

The article examines the main directions for improving and strengthening public finance in the Republic of Tajikistan under current economic conditions. It analyzes the role of effective fiscal and tax policy, improved public financial management, enhanced budget planning, and the application of digital technologies in increasing the efficiency and sustainability of the public finance system. Particular attention is paid to ensuring fiscal sustainability, strengthening financial discipline, improving the efficiency of public expenditures, enhancing transparency and accountability, developing public financial control, and reducing financial risks. Based on the findings, the study concludes that

improving the public financial management system, introducing modern financial management mechanisms, and expanding the use of digital technologies are key prerequisites for sustainable economic development and the effective use of public financial resources in the Republic of Tajikistan.

Keywords: public finance, fiscal sustainability, fiscal policy, tax policy, public financial management, state budget, public expenditure, transparency, public financial control, digitalization, sustainable development, financial resources.

Муқаддима. Дар шароити муосири рушди иқтисодиёт, ки бо таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии вазъи иқтисоди ҷаҳонӣ, хавфҳои молиявӣ ва зарурати таъмини рушди устувор тавсиф меёбад, масъалаи такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Самаранокии идоракунии молияи давлатӣ ба таъмини суботи макроиқтисодӣ, иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои молиявӣ таъсири бевосита мерасонад.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳоти институтсионалӣ дар соҳаи молияи давлатӣ амалӣ гардида, низоми банақшагирии буҷет, сиёсати андозу гумрук, идоракунии қарзи давлатӣ, назорати давлатии молиявӣ ва рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ тадриҷан такмил ёфта истодаанд. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам масъалаҳои марбут ба баланд бардоштани самаранокии хароҷоти давлатӣ, таъмини устувории буҷет, густариши шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, такмили механизмҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва мутобиқ намудани идоракунии молияи давлатӣ ба талаботи иқтисоди рақамӣ аҳаммияти мубрам доранд.

Методология. Масъалаҳои такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ дар асарҳои олимони рус, аз ҷумла Л.И. Абалкин, Г.Б. Поляк, В.М. Родионова, М.В. Романовский ва О.В. Врублевская мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар таҳқиқоти онҳо масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ, сиёсати буҷетӣ, самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ ва таъмини устуворii молиявӣ таҳлил шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаҳои гуногуни молияи давлатӣ, сиёсати буҷетӣ ва идоракунии захираҳои молиявӣ дар корҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла Оймаҳмадов Г.Н., Бегматов А.А., Иброҳимзода И.Р., Амонова Д., Шарифзода Б.М. ва дигар муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар асоси онҳо масъалаҳои такмили низоми молияи давлатӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати буҷетӣ ва рушди идоракунии молиявӣ баррасӣ шудаанд.

Бо вуҷуди ин, масъалаҳои марбут ба самтҳои такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ дар шароити муосири рушди иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз ҳам таҳқиқоти амиқро талаб намуда, зарурати таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалиро барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии молияи давлатӣ ба миён меоранд.

Мақсади мақола. Мақсади мақола аз таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии самтҳои такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, ба муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба устуворii молиявӣ, арзёбии вазъи кунунии идоракунии молияи давлатӣ ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии сиёсати буҷетӣ, истифодаи оқилонаи маблағҳои давлатӣ ва таъмини рушди устувори низоми молиявии кишвар равона гардидааст.

Натиҷаҳо. Такмил ва устуворгардонии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии давлат ба шумор меравад. Бо дарназардошти тағйирёбии муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ, афзоиши хавфҳои молиявӣ ва зарурати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои буҷетӣ, татбиқи ислоҳоти пайваста дар низоми молияи давлатӣ аҳаммияти стратегӣ пайдо мекунад.

Тавре ки Г.Б. Поляк таъкид менамояд, «молияи давлатӣ иҷрои вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатро таъмин менамояд»[1]. Ин ақида нишон медиҳад, ки низоми самараноки молияи давлатӣ заминаи асосии рушди устувори иқтисодиёт ва иҷрои уҳдадориҳои давлат мебошад

Ба андешаи Г.Б. Поляк, «вазъи молияи давлатӣ ва маҳаллӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии устуворii иқтисодиёт ва сатҳи рушди низоми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад»[1]. Аз ин рӯ, таҳкими устуворii молияи давлатӣ барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар аҳаммияти муҳим дорад

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар соли 2024 ҷиҳати устуворгардонии молияи давлатӣ таъкид шудааст, ки: «Ташаккул додани маърифати молиявии шаҳрвандон ва баланд бардоштани фарҳанги андозсупорӣ ҳамчун яке аз омилҳои асосии татбиқи самараноки сиёсати андозу буҷет, аз ҷумла дар масъалаи гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ барои ноил гардидан ба устуворii молиявии давлат ва рушди иқтисодӣ нақши муҳим дорад»[3]. Инчунин дар Паёми соли 2025 доир ба таъмини самаранокии идоракунии молияи давлатӣ иброз доштанд ки “ .....вазъи мураккабу пешгӯйинашавандаи сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза моро водор месозад, ки низоми молиявии кишварро ба меъёрҳои муосир мутобиқ намуда, самаранокии идоракунии молияи давлатиро боз ҳам баланд бардорем”[3]

Яке аз самтҳои асосӣ густариши рақамикунонии идоракунии молияи давлатӣ мебошад, ки ба беҳтар шудани шаффофиятнокӣ, коҳиши хавфҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати буҷетӣ мусоидат менамояд. Ҷорӣ намудани низомҳои электронии банақшагирӣ, иҷро ва ҳисоботдиҳии буҷет имкон медиҳад, ки равандҳои молиявӣ зудтар, дақиқтар ва бо хароҷоти камтар амалӣ гарданд.

Самти дигари муҳим таҳкими даромадҳои буҷетӣ ва васеъ намудани заминаи андозбандӣ мебошад. Дар ин раванд такмили маъмурияти андоз, коҳиши иқтисоди пинҳонӣ ва дастгирии соҳибкории расмӣ метавонад ба афзоиши устувори даромадҳои давлатӣ мусоидат намояд.

Ҳамзамон, баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷетӣ ва равона намудани захираҳо ба соҳаҳои афзалиятнок, аз ҷумла маориф, тандурустӣ ва инфрасохтор, омили муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ

мебошад. Дар ин замина, татбиқи принсипҳои буҷетбарории барномавӣ ва натиҷамеҳвар аҳаммияти махсус дорад.

Илова бар ин, рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва таҳкими сиёсати идоракунии қарзи давлатӣ ба манбаи устувори маблағгузории иқтисоди миллӣ табдил ёфтани бозори дохилии молиявиро таъмин мекунад. Ин раванд бояд дар ҳамоҳангӣ бо ислоҳоти бахшҳои бонкӣ, суғуртавӣ ва нафақавӣ амалӣ гардад.

Дар марҳилаи кунунӣ такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ин раванд ба татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян шудаанд, равона гардидааст. Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ, тақвияти рақобатпазирии он, дастгирии рушди соҳаи истеҳсолот ва ташаккули табақаи миёна аз ҷумлаи ҳадафҳои асосӣ маҳсуб меёбанд.

Дар ноил шудан ба ин ҳадафҳо такмили идоракунии молияи давлатӣ аҳамияти калидӣ дорад. Бо ҳамин мақсад Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул гардидааст, ки идомаи мантиқии ислоҳотҳои солҳои гузашта буда, таҷрибаи амалишавии стратегияҳои қаблиро ба назар мегирад. Ҳуҷҷати мазкур бо афзалиятҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг буда, татбиқи тадбирҳоро дар самти такмили сиёсати буҷетӣ, идоракунии қарзи давлатӣ, рушди идоракунии маҳаллӣ ва дигар самтҳои муҳими молиявӣ пешбинӣ менамояд.

Стратегияи мазкур заминаи ягонаи рушди низоми идоракунии молияи давлатиро муайян намуда, самтҳои асосии ислоҳот, тартиби амалисозии онҳо, механизмҳои ҳамоҳангсозӣ, мониторинг ва арзёбии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Ҳамзамон, дар он чораҳои пешгирӣ ва идоракунии хавфҳои эҳтимолии молиявӣ низ пешбинӣ шудаанд, ки барои баланд бардоштани устувории низоми молиявии давлатӣ аҳамияти муҳим доранд.

Ҳангоми таҳияи стратегия мақомоти давлатӣ, мақомоти қонунгузор ва шарикони рушд иштирок намуда, афзалиятҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ба инобат гирифта шудаанд. Дар доираи он натиҷаҳои ислоҳоти қаблӣ арзёбӣ гардида, самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи идоракунии молияи давлатӣ, тақсимоти ваколатҳо байни мақомоти масъул ва нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии татбиқи ислоҳот муайян карда шудаанд.

Самти асосии стратегия ба таҳкими интизоми фискалӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои давлатӣ, такмили банақшагирии буҷетӣ, тақсимоти оқилонаи захираҳои молиявӣ, пурзӯр намудани назорати давлатии молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, инчунин таъмини истифодаи мақсадноки маблағҳои давлатӣ равона гардидааст. Амалӣ гардидани ин тадбирҳо метавонад барои таҳкими устувории молиявии давлат ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварад.

Татбиқи маҷмӯи чораҳои мушаххас дар якҷоягӣ бо ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои дақиқи арзёбии самаранокӣ имконият медиҳад, ки раванди расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда таъмин гардад. Ин ҳолат, сарфи назар аз мавҷудияти баъзе мушкилоти системавӣ ва таъсири омилҳои беруна ба бахши молияи давлатӣ, аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Дар чунин шароит ҳамоҳангсозии самараноки институтҳои давлатӣ, механизмҳои идоракунӣ ва манбаъҳои молиявӣ ҳамчун омили муҳими муваффақияти ислоҳот баромад мекунад ва татбиқи он давраи муайяни замониро талаб менамояд.

Дар дурнамои дарозмуддат, ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ барои ташаккули системаи устувор ва самараноки молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Чунин низом яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, навсозии сохтори иқтисоди миллӣ ва пешбурди ислоҳот дар соҳаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ, он ба ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар мусоидат мекунад.

Идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун низоми мураккаби ҳамкорӣ байни вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ дар самти истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ баррасӣ мешавад. Дар доираи чунин низом, таъмин намудани натиҷаҳои дарозмуддат, аз ҷумла суботи макроиқтисодӣ, истифодаи оқилонаи захираҳо, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳкими пояҳои устувори идоракунии давлатӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Чаҳорчӯбаи стратегии ислоҳоти соҳаи молияи давлатӣ, ки дар санадҳои стратегӣ муайян гардидааст, бо ин натиҷаҳои дарозмуддат ҳамоҳанг буда, барои ташаккули низоми муосир, устувор ва самараноки идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҷадвали 1. Унсурҳои ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ ва афзалиятҳо

т/т	Афзалиятҳо	Унсурҳои асосии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ
1.	Суботи макроиқтисодӣ	иттилооти саривақтӣ ва боэътимоди молиявию буҷетӣ; идоракунии боэътимоди қарзи давлатӣ; самтҳои хавфҳои фискалӣ (таъмини интизоми фискалӣ).
2.	Тақсимоти самаранокии маблағҳо	иттилооти саривақтӣ ва боэътимоди молиявию фискалӣ; таҳияи лоиҳаи буҷет дар асоси сохтори муносиби ҷараёни буҷет; назорати аудити дохилӣ ва берунӣ, инчунин назорати парлумонӣ.

т/т	Афзалиятҳо	Унсурҳои асосии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ
3.	Пешниҳоди хизматрасонии ҷамъиятӣ	пардохти саривақтии музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ; фарогирии (инклюзивии) ҷараёни буҷетӣ ва ҳисоботдиҳӣ; шаффофият дар тақсимот ва истифодаи маблағҳои давлатӣ.
4.	Устувории давлатдорӣ	унсурҳои заминаи буҷетикунонӣ (ба монанди назорат ва иҷроиш), пардохти саривақтии музди меҳнат ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ, асоснокии афзалиятҳо ва қабули қарорҳои оқилона оид ба самаранокии ҳароҷот

Сарчашма: Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои соли 2030[2]

Аз нуқтаи назари таъмини суботи макроиқтисодӣ, яке аз унсурҳои калидии низоми идоракунии молияи давлатӣ қобилияти он дар пешниҳоди маълумоти дақиқ, пурра ва саривақтӣ оид ба ҳолати қарзи давлатӣ ва касри буҷет ба ҳисоб меравад. Низоми муосири идоракунии молияи давлатӣ ба тақсимоти самараноки захираҳои молиявӣ мусоидат намуда, инчунин равандҳои таҳияи буҷетро дар асоси ҳамоҳангии тамоми ҷонибҳои манфиатдор таъмин месозад.

Ба ақидаи муҳақиқони ватанӣ Давлатзода Д.А. ва Раҳимзода Ф.М. "..устуворii макроиқтисодӣ маънои онро дорад, ки идоракунии дурусти буҷет аз касри аз ҳад зиёди буҷетӣ ва қарзи ноустувор ҷилавгирӣ мекунад. Ин ба коҳиши хавфи таваррум, паст шудани фоизҳо ва нигоҳдории суботи асъор мусоидат мекунад, ки барои эҷоди ҷойҳои кори доимӣ ва устувор муҳим аст"[5.с-170].

Дар чунин шароит, робитаи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ бо низоми хизматрасониҳои давлатӣ хусусияти доимӣ ва мустақим дорад, зеро ҳаҷм ва сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба сатҳи захираҳои молиявии мавҷуда ва самаранокии идоракунии онҳо вобастагии зич доранд. Ҳамзамон, ин ислоҳот дар таҳкими пояҳои давлатдорӣ нақши муҳим дошта, низоми устувори молияи давлатӣ ҳамчун асоси институтсионалии рушди давлат ва ҷомеа баромад менамояд.

Аз нигоҳи амалӣ, унсурҳои гуногуни ислоҳоти соҳаи молияи давлатӣ бо ҳам робитаи зич доранд ва татбиқи ҷудогонаи онҳо на ҳамеша метавонад натиҷаҳои интизоршударо таъмин намояд. Бинобар ин, ҳамоҳангсозии чорабиниҳои ислоҳотӣ ва таъмини ҳамкории муассир бо шарикони рушд барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Дар маҷмӯъ, такмили низоми идоракунии молияи давлатӣ ба таҳкими суботи иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар мусоидат менамояд.

Қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар моҳи сентябри соли 2016 як қадами муҳим дар самти муайян намудани самтҳои рушди дарозмуддати кишвар ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии ин стратегия баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ мебошад. Дар доираи он, масъалаҳои коҳиши сатҳи камбизоатӣ, афзоиши ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, беҳтарсозии нишондиҳандаҳои байналмилалӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоӣ ва густариши табақаи миёна дар маркази таваҷҷуҳ қарор доранд.

Дар ин замина, мавҷудияти институтҳои устувори иқтисодӣ, сиёсати мутавозини буҷетӣ ва низоми самараноки идоракунии молияи давлатӣ ҳамчун омилҳои асосии амалӣ гардидани ҳадафҳои стратегии кишвар арзёбӣ мешаванд. Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ низ зарурати гузариш ба модели рушди индустриалию инноватсионӣ, ки ба рушди истеҳсолот, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ такя мекунад, пайваста таъкид мегардад.

Ҳамзамон, Стратегияи миллӣ гузариш ба иқтисодиёти диверсификатсияшуда ва устуворро, ки ба рушди бахши хусусӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ такя мекунад, ҳамчун самти афзалиятнок муайян менамояд. Дар ин робита, ислоҳоти идоракунии давлатӣ, аз ҷумла ислоҳоти соҳаи молияи давлатӣ, яке аз шартҳои асосии ноилшавӣ ба ҳадафҳои рушди дарозмуддати кишвар ба ҳисоб меравад.

Ҷадвали 2. Мушкилот ва афзалиятҳо дар соҳаи идоракунии молияи давлатӣ мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

р/т	Мушкилот (пешомадҳо)	Афзалиятҳо
Дар соҳаи рушди идоракунии молияи давлатӣ		
1.	Пешравии нокифоя дар самти гузариш аз принсипи маблағгузории харҷномавии (сметавии) вазорату идораҳо ба маблағгузории мақсадноки барномавӣ, ки ба натиҷа нигаронида шудааст.	Рушди буҷетикунонии барномавӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи "маблағгузории нерӯ" барои мақомоти ҳокимияти иҷроия
2.	Набудани алоқамандии ҷараёни буҷетӣ бо банақшагирии стратегӣ	Тақвияти робитаи мутақобилаи ҷараёни буҷетӣ ва банақшагирии стратегӣ
3.	Самтнокии нокифояи механизмҳои андозбандӣ барои рушди иқтисодӣ (гарон барои андозсупорандагон ва маъмурикунонии он, инчунин афзоиши доираи интишори васеи иқтисодиёти ғайрирасмӣ)	Такмили механизмҳои андозбандӣ ва маъмурикунонии андоз бо мақсади баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо, паст намудани сарбории маъмурӣ ба андозсупорандагон, баланд бардоштани

р/т	Мушкилот (пешомадҳо)	Афзалиятҳо
4.	Нокифоягии рушди низоми дурнамои даромадҳои буҷетӣ ва уҳдадориҳо дар ҳамбастагӣ бо дурнамои макроиқтисодӣ	шаффофият ва пешгӯишавандагии низоми андоз
5.	Қафомонии ҷараёни чунин ғайримарказонидани фискалӣ аз раванди дигаргунсозии низоми идоракунии давлатӣ, аз ҷумла аз раванди ислоҳоти низоми идоракунии молияи давлатӣ	Рушди ғайримарказонии фискалӣ
6.	Амалиётҳои квазифискалии корхонаҳои бузурги давлатӣ (зиёни амалиётӣ, болоравии уҳдадориҳои қарзӣ ва ичро нагардидани кафолатҳои давлатӣ аз рӯи онҳо ва ғайра) ба устувории буҷети давлатӣ ва имконияти ичрои функсияҳои иҷтимоӣ аз тарафи давлат таъсири қатъӣ ва манфӣ мерасонанд	Такмили шаффофият ва тобеияти ҳисобдиҳӣ тавассути таъмини дастрасии умумии иттилоот, аз он ҷумла ба воситаи амалиётҳои квазифискалӣ дар ҳисоботи молиявӣ, беҳдошти назорати парламентӣ ва иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди буҷетӣ
Дар самти идоракунии маҳаллӣ		
7.	Вазифа ва ваколатҳо байни сатҳҳои мақомоти ичроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷиҳати таъмини истифодаи самараноки маблағҳои давлатӣ беҳсозиро талаб мекунад	Азнавтақсимкунии вазифаю ваколатҳо бо мақсади такмили самаранокии мақомоти маҳаллии ҳокимият ва худидоракунии маҳаллӣ, ҷудокунии моликият ва таъмин намудани онҳо бо мухторияти молиявӣ
8.	Мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ баҳри ичрои салоҳияти ба онҳо вогузошта ҷиҳати амалӣ намудани масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта захираҳои зарури надорад	
Дар самти такмили низоми идоракунии давлатӣ		
9.	Низоми ҳамгироии фаъолияти мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатӣ самаранок набуда, механизмҳои баҳодиҳии самаранокии фаъолияти онҳо дар сатҳи миллӣ ва маҳаллӣ ба таври кофӣ муайян нашудаанд	Рушди низоми банақшагирии стратегӣ ва такмили ҳамоҳангсозии сиёсат дар сатҳҳои марказӣ ва маҳаллии идоракунии давлатӣ
10.	Дар сатҳи зарурӣ набудани низоми электронии гардиши ҳуҷҷатҳо байни мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳамкориҳои электронии мақомоти давлатӣ бо шаҳрвандон ва бизнес	Ташаккули унсурҳои зарурии «ҳукумати электронӣ» барои татбиқи сиёсати «маълумоти кушода»
11.	Ҳамкории нокифояи байни давлат ва соҳибкорӣ, давлат ва шаҳрвандон дар раванди рушди миллӣ, аз ҷумла набудани заминаи машваратӣ барои коммуникатсияҳои ҷорӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба ҳалли масоили стратегӣ	Таҳияи механизмҳои тақвияти назорат аз ҷониби ҷомеа барои фаъолияти мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатӣ ва баланд бардоштани эътимоди шаҳрвандон
Дар самти таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ		
12.	Низоми хариди давлатӣ роҳандозии механизмҳои нав ва муассири амалисозии фаъолияти харидорӣ, андешидани тадбирҳо ҷиҳати таҳкими иқтидори ҳамаи иштирокчиёни хариди давлатӣ, инчунин бо портали ягонаи хариди электронӣ фаро гирифтани ширкатҳое, ки моликияти давлатӣ мебошанд, талаб мекунад	Таҳия ва татбиқи чораҳои маҷмӯии дорои хусусияти ҳуқуқӣ ва ташкилӣ барои таъмини амали самараноки низоми хариди давлатӣ бо такия ба автоматикунонӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир тавассути портали ягонаи хариди электронӣ, аз ҷумла харид аз ҷониби ширкатҳое, ки моликияти давлатӣ мебошанд
13.	Механизмҳои ҳамкориҳои мутақобилаи бахши давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бо истифодаи шӯроҳои ҷамъиятӣ ва майдонҳои дигари машваратӣ суст амал мекунанд	Таъмини шаффофият ва тобеияти ҳисоботдиҳии раванди харҷкунии маблағ ва захираҳои давлатӣ
		Такмили низоми назорати давлатии молиявӣ, аз он ҷумла аудити дохилӣ ва берунӣ

Сарчашма: Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои соли 2030[2]

Муҳокима. Ислоҳоти низоми маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳими такмили идоракунии молияи давлатӣ ба шумор рафта, он ҳамчун воситаи асосии сиёсати фискалии давлат барои расидан ба ҳадафҳои рушди миллӣ, аз ҷумла коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ хизмат мекунад. Дар шароити густариши технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонӣ, ин самт ба яке аз афзалиятҳои асосии ислоҳоти молиявӣ табдил ёфтааст.

Бо мақсади беҳтарсозии маъмурикунонии андоз, дар кишвар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011–2019 қабул гардид, ки он ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, такмили инфрасохтори иттилоотӣ, рушди малакаи касбии кормандон ва беҳтар намудани сатҳи огоҳии андозсупорандагон равона шуда буд. Дар доираи ин барнома як қатор ислоҳоти муҳими институтсионалӣ ва технологӣ амалӣ гардиданд.

Аз ҷумла, ташкили низоми ягонаи иттилоотӣ байни мақомоти молиявӣ ва андоз имкон дод, ки мубодилаи маълумот дар шакли электронӣ ва бо сатҳи баланди амният таъмин гардад. Ҳамзамон, ҷорӣ намудани пешниҳоди электронии эъломияҳо ва гузариш ба шакли рақамии маъмурикунонӣ раванди адои уҳдадориҳои андозиро содда ва шаффоф намуд.

Илова бар ин, рушди хизматрасониҳои электронӣ, аз ҷумла маркази тамос, «кабинети шахсии андозсупоранда», пардохтҳои электронӣ тавассути кортҳои бонкӣ ва пос-терминалҳо, инчунин ҷорӣ намудани имзои электронии рақамӣ, ба коҳиши омилҳои коррупсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии андоз мусоидат намуд. Ин тадбирҳо ҳамчунин иқтидори мақомоти андозро дар самти назорат ва ошкорсозии ҳолатҳои саркашӣ аз пардохти андоз тақвият бахшиданд.

Бо вуҷуди пешрафтҳои бадастомада, дар низом як қатор мушкилот боқӣ мемонанд. Аз ҷумла, тағйироти зудзуди қонунгузорӣ, набудани арзёбии пурраи имтиёзҳои андозӣ, сатҳи пасти огоҳии андозсупорандагон ва шумораи зиёди санҷишҳои маъмурӣ ба муҳити соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар маҷмӯъ, таҷрибаи ислоҳот нишон медиҳад, ки рақамикунонии равандҳои андозбандӣ, рушди хизматрасониҳои электронӣ ва такмили инфрасохтори иттилоотӣ самтҳои калидии рушди минбаъдаи низоми андоз мебошанд. Идомаи ислоҳот дар ин самт барои баланд бардоштани самаранокии ҷамъоварии даромадҳои буҷетӣ ва таҳкими суботи молиявии кишвар аҳаммияти стратегӣ дорад.

Дар баробари ин, дар низоми идоракунии молияи давлатӣ як қатор мушкилоти институтсионалӣ ва техникӣ боқӣ мондаанд, аз ҷумла ҳамгироии нокифояи системаҳои иттилоотӣ, маҳдудияти дастрасӣ ба маълумот, ва сатҳи пасти рушди инфрасохтори рақамӣ дар минтақаҳо. Ин омилҳо ба самаранокии идоракунии андоз таъсир мерасонанд.

Бо дарназардошти ин ҳолат, зарурати таҳияи барномаҳои нави миёнамуҳлати рушди маъмурикунонии андоз ва такмили заминаи ҳуқуқӣ ба миён меояд. Ҳамчунин, ҳамгироии пурраи системаҳои идоракунии хавфҳо, рушди табодули электронии маълумот байни мақомоти давлатӣ ва густариши хизматрасониҳои рақамӣ аз самтҳои афзалиятноки ислоҳот ба ҳисоб мераванд.

Хулоса. Дар ниҳоят, таҷрибаи ислоҳот нишон медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои низоми маъмурикунонии андоз бо ҳам вобастагии зич дошта, танҳо дар ҳолати ҳамгироии онҳо натиҷаҳои самаранок ба даст овардан мумкин аст. Тақвияти иқтидори кадрӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва таъмини ҳамоҳангии байни мақомоти давлатӣ шарти муҳими муваффақияти ислоҳот ба ҳисоб меравад.

Адабиёт

1. Поляк Г.Б. Государственные и муниципальные финансы**:** учебник. – Москва: ЮНИТИ-ДАНА, 2014. – 375 с.
2. Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ барои соли 2030.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ 28.12.2024
4. Оймаҳмадов, Г. Н. Устувории молиявии макроиқтисодӣ: таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ ва танзими хавфҳои бо он алоқаманд / Г. Н. Оймаҳмадов, М. Н. Ҳикматов // Паёми молия ва иқтисод. – 2025. – No. 4. – P. 28-34. – EDN OSPGFJ.
5. Давлатзода, Д. А. Таъсири идоракунии молияи давлатӣ ба рушди иқтисодӣ: муносибати байни молияи давлатӣ ва омилҳои рушд, ба монанди сармоягузорӣ, шуғл ва сатҳи зиндагӣ / Д. А. Давлатзода, Ф. М. Раҳимзода // Кишоварз. – 2025. – Vol. 109, No. 4. – P. 168-172. – EDN CTUPAG.
6. Ҳикматов, М. Н. Баъзе масъалаҳои назариявии молияи давлатӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ / М. Н. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. – No. 12. – P. 249-254. – EDN GGDRYA.
7. Qurbanizoda, D. The effect of inflation on the level of social services in digital conditions / D. Qurbanizoda // , 19 апреля 2024 года, 2024. – P. 122-127. – EDN EQXWQB.
8. Нурализода, А. Н. Асосҳои назариявии рушди иқтисоди рақамӣ дар минтақаҳо: назарияҳо, таҳлилҳо ва пешниҳодҳо / А. Н. Нурализода, Д. Т. Қурбонализода // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 153-165. – EDN HTZKQN.
9. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст.
10. Барномаи миёнамуҳлати иқтисоди рақамӣ дар ҶТ барои солҳои 2021-2025.
11. Қурбонализода Д.Т., Нурализода А.Н., Нурализода Н.Н. Иқтисоди рақамӣ (китоби дарсӣ) Душанбе – 2022, 272саҳ.